# Дарси 9. Тугмачаҳои гузориши, индикаторҳои санҷишӣ, чорчӯба

**Тугмачаҳои гузориш** (OptionButton) ба истифодабарандагон имконияти бо ду роҳ кор интихоб карданро медиҳад. Ин элементҳои идорашаванда одатан ду ё зиёда тугмачаҳоро дар гурӯҳ муттаҳид мекунанд, агар онҳо равзана надоранд; дар ҳолати акс ин тугмачаҳо дар даруни равзана аз ҳамдигар вобастагӣ доранд. Хосияти *Alighment* метавонад қимати 0 ё 1-ро гирад, вобаста ба он ки аз тарафи чап ё аз тарафи рости тугмача матн бояд ҷойгир бошад. Дар ин маврид фақат як тугмача интихоб шуда, дар даруни ин тугмача нуқта пайдо мешавад. Барои тугмачаи интихобшуда хосияти Value қимати True муайян мешавад, барои дигар тугмачаҳо бошад False.

Индикаторҳои санҷишӣ (CheckBox) якхела кор мекунанд, аммо аз якдигар вобастагӣ надоранд. Дар натиҷа истифодабаранда метавонад дар як вақт якчанд индикаторҳои санҷиширо интихоб кунад. Индикаторҳои санҷишии интихобшуда дар даруни худ чунин аломат «» доранд. Қимати хосияти Value метавонад: 0 (интихобнашуда), 1 (интихобшуда), 2 (дастнорас). Ҳангоми муқаррар кардани рақами 2 индикаторҳои санҷишӣ ва аломат беранг мешаванд.

**Чорчӯба** (Frame) барои якҷоя кардани элементҳои идоракунӣ дар гурӯҳ хизмат мекунанд. Аз нуқтаи назари функсионалӣ чорчӯбаҳо дар он вақт лозиманд, агар дар форма аз як зиёдтар тугмачаҳои гузориш гузошта шаванд. Дар дохили равзанаи гирифташуда маҷмӯи тугмачаҳои гузоришӣ ҳамун гурӯҳ новобоста аз дигар тугмачаҳо кор мекунанд. Дар хотир бояд нигоҳ дошт, ки аввал дар форма чорчӯба ва баъд дар дохили чорчӯба тугмачаҳои гузоришӣ гузошта мешаванд. Чорчӯба инчунини дигар барои беҳтар кардани намуди зоҳирии равзана хизмат мекунад. Хосияти чорчӯбаи *Caption* матнро, ки дар тарафи чапи кунҷи болоии чорчӯба ҷойгир шудааст, нигоҳ медорад.

Лоиҳаи 9.1

*Гузориши масъала*

*Сохтани замима барои муайян кардани музди меҳнати муаллим. Музди корӣ чунин муайян карда мешавад.*

*а) дар ҷадвал мувофиқи дараҷаи муаллим миқдори маош муайян мешавад (миқдори маош 18 соат дар як ҳафта) -St.*

*б) дар асоси тарифи музди корӣ маоши аз ҳисоби гузарондани миқдори дарс ҳисоб карда мешавад:*

$$Z = St * K/18$$

*дар ин ҷо К - миқдори соатҳо (дарсҳо) дар як ҳафта;*

*в) сипас, иловаҳо ба маош ҳисоб карда мешавад:*

- *санҷиши дафтарҳо - 10% аз музди меҳнат;*
- *мудири кабинет - 10% аз миқдори маош;*
- *роҳбари синф - 20% аз музди меҳнат;*
- *унвони илмӣ -50% аз музди меҳнат;*
- *барои адабиётҳои методӣ - 100 сомонӣ ҳар моҳ*

| *Дараҷа* | *3* | *2* | *1* | *Олӣ* |
|---|---|---|---|---|
| *Миқдор (бо сомонӣ)* | *459* | *564* | *634* | *695* |

*г) маблағи ҳисоб кардашуда = музди меҳнати асосӣ барои дарс гузаронӣ + Иловаҳо;*

*д) гирифтани андоз ба фонди нафақа - 1% аз маоши ҳисобшуда;*

*е) гирифтани андоз аз даромад- 1% аз маоши ҳисобшуда;*

*ж) Ҳисоб кардани маблағи гирифташуда= музди корӣ - андоз;*

Намуди равзанаи замима баъди дохилкунии додашудаҳо ва зер кардани тугмачаи <Ҳисобкунӣ> дар расми 9.1 нишон дода шудааст.

**Тартиби иҷрои кор**

1. Обектҳоро дар форма мувофиқи расми 9.1 гузоред.

2. Бо ихтиёри худ қимати хосияти обектҳоро муайян кунед, ки намуди зоҳирии замимаро муайян мекунанд.

3. Қимати хосияти *Caption* -и чорчубаро мувофиқи расми 9.1 муқаррар кунед.

4. Қимати хосияти объектҳоро мувофиқи ҷадвал муайян кунед.

5. Лоиҳаро бо номи МаошиМуаллимон дар папкаи сабт кунед.

6. Коди барномаи дар поён овардашударо таҳлил карда, сипас онро дохил намоед. Мустақилона ҷойҳои холиро (…) пур кунед.

7. Дар лоиҳаи додашуда тағйирёбандаи намуди Boolean – Flag истифода бурда шудааст. Аввалан ба ӯ қимати True бахшида мешавад. Агар дараҷа аз ҳудудҳои имконпазир барояд, маълумот дар бораи хатогӣ дода мешавад ва тағйирёбанда қимати False –ро қабул мекунад.




Расми 9.1

Ҷадвали 1

| Объект | Хосият | Қимати хосият |
|---|---|---|
| Форма | Name | frmМаош |
| | Caption | Холӣ |
| Нишона | Name | lblҚайдкунӣ |
| | Caption | Холӣ |
| Индикатори санҷишӣ | Name | Chk1 |
| | Caption | Кор дар синфи компютерӣ |
| Индикатори санҷишӣ | Name | Chk2 |
| | Caption | Мудири кабинети |
| Индикатори санҷишӣ | Name | Chk3 |
| | Caption | Иштирок дар озмун |
| Индикатори санҷишӣ | Name | Chk4 |
| | Caption | Роҳбари синф |
| Тугмачаи гузоришӣ | Name | Opt4 |
| | Caption | Нест |
| Тугмачаи гузоришӣ | Name | Opt1 |
| | Caption | Номзад “аълочии маориф” |
| Тугмачаи гузоришӣ | Name | Opt2 |
| | Caption | Номзади “Муаллими хизматнишондода” |
| Тугмачаи гузоришӣ | Name | Opt3 |
| | Caption | Дараҷаи илмӣ |
| Майдони матнӣ | Name | txtДараҷа |
| | Text | Холӣ |
| Майдони матнӣ | Name | txtМиқдориСоат |
| | Text | Холӣ |
| Майдони матнӣ | Name | txtҲисобкунӣ |
| | Text | Холӣ |
| Майдони матнӣ | Name | txtАндоз |
| | Text | Холӣ |
| Майдони матнӣ | Name | txtНафақа |
| | Text | Холӣ |
| Майдони матнӣ | Name | txtНатиҷа |
| | Text | Холӣ |
| Тугмачаи фармоишӣ | Name | CmdҲисобкунӣ |
| | Caption | Ҳисобкунӣ |

**Функсияи Format** барои хориҷ кардани натиҷа истифода мешавад. Аргументи “0.00” нишон медиҳанд, ки натиҷа бо ду аломат баъди вергул хориҷ карда мешавад.

```
Dim F As String, I As String, O As String
Dim R As Integer, К As Integer
Dim St As Currency, Z As Currency
Dim D1 As Currency, D2 As Currency, D3 As Currency, D4 As Currency, D5 As Currency
Dim D6 As Currency, D7 As Currency, D8 As Currency, D9 As Currency
        ‘Dl-D9-Иловакунӣ
Dim D As Currency              ‘Суммаи иловагӣ
Dim PodNal As Currency, PensNal As Currency  ‘Даромад ва андози Нафака
Dim Itog As Currency
Dim Flag As Boolean
Private Sub Form_Load()
  F = InputBox (“Фамилияи худро дохил кунед”,”Қайдкунӣ” )
  I = InputBox(“Номи худро дохил кунед”,”Қайдкунӣ”)
  O = InputBox(“Номи  падари худро дохил кунед”,”Қайдкунӣ”)
  frmМаош.Caption = "Музди меҳнати муаллим “+F+” “+I+” “+O
  lblҚайдкунӣ.Caption =“Мӯҳтарам“   +I  +  “  “  +O  +”  !  Маълумотҳои худро дохил кунед“
End sub
Private Sub cmdҲисобкунӣ_Click()
R = ...
K = ...
Flag=True
Select Case R
    Case 3
        St = 459
    Case 2
          St = 564
    Case 1
          St = 634
    Case 0
          St = 695
    Case Else
       MsgBox  «Шумо дараҷаро нодуруст дохил кардед», 48,»Хатогӣ!»
Flag =False
...           ‘Тозакунии майдонҳои матнӣ
End select
```

```
If Flag= True Then
    Z=St/18*K    'Маош
    D=0: D1=0: D2=0: D3=0: D4=0: D5=0: D6=0: D7=0: D8=0: D9=0:
    If Chk1.Value=1 Then D1=0.12*Z
    If Chk2.Value=1 Then D2=0.1*St
    If Chk3.Value=1 Then D3=0.15*St
    If Chk4.Value=1 Then D4=0.2*St
    If Opt1.Value=True Then D5=0.3*St
    If Opt2.Value=True Then D6=0.5*St
    If Opt3.Value=Then D7=0.5*St
    D8=0.1*Z
    D9=100
    D=D1+D2+D3+D4+D5+D6+D7+D8+D9
    Z=Z+D
    TxtҲисобкунӣ.Text=Str(Format(Z,"0.00"))
    PodNal =0.13*Z
    TxtАндоз.Text=Str(Format(PodNal,"0.00"))
    PensNal=0.01*Z
    txtНафака.Text=Str(Format(PensNal,"0.00"))
    itog=Z- PodNal-PensNal
    txtНатиҷа.Text= Str(Format(itog,"0.00"))
```

8. Кори замимаро санҷед. Додашудаҳоро мувофиқи расми 9.1 дохил намоед. Натиҷаҳо бояд мувофиқ бошанд.

9. Тағйиротҳоро дар лоиҳа сабт кунед.